**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «18» 09 соли 2024 № 328/09 ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд кардани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Фирузи Ҳамроқул, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Анодное поведение и окисление сплава Zn0.5AI, легированного церием, празеодимом и неодимом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-028 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Фирузи Ҳамроқул, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D071000 – Маводшиносӣ ва технологияи маводи нав дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Фирузи Ҳ.аз 18 сентябри соли 2024.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ